## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар низоми қонунгузории ҳар як кишвар, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими ҳуқуқ нақши ҳалкунанда дорад. Он на танҳо барои муборизаву муқовимат бо ҷинояткорӣ, балки барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, экология, моликият, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷовузҳои ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти инсоният равона шудааст. Дар ин замина, принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун пояҳои асосии низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ баромад намуда, ба низомнокӣ ва асоснокии татбиқи муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат мекунанд.

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ – асосҳои роҳбарикунандае мебошад, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ таҷассум гардида, мазмун ва моҳияти ҳуқуқи ҷиноятиро ифода карда, ба таври васеъ дар соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ истифода бурда мешаванд. Аҳаммияти принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо мақсади амалигардони ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби татбиққунандагони ҳуқуқ ба роҳ монда шуда, он талаботҳое, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри риояи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд пешбинӣ намудааст, онҳо бояд аз тарафи ҳуқуқтатбиққунандагон ҳифз карда шаванд.

Бояд зикр намуд, ки дар амалия принсипҳо мустақилияти соҳаи ҳуқуқро дар асоси баробар ба предмет ва усули танзими ҳуқуқӣ муайян мекунанд, аз ин рӯ онҳо моҳияти як соҳаи муайяни ҳуқуқро ифода менамоянд. Афзалияти асосии Кодекси чиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дигар кодексҳои қаблӣ дар он мебошад, ки принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро ҳамчун маълумотҳои асосие, ки дар тамоми қонунгузории

ҷиноятӣ қарор доштанд, пешбинӣ менамояд. Яке аз роҳҳои татбиқи вазифаҳои қонуни ҷиноятӣ ин муқаррар намудани принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Вазифаҳое, ки дар назди қонуни ҷиноятӣ қарор дорад, дар асоси принсипҳои он ҳал карда мешаванд.

Дар қонунгузории ҷиноятӣ мустаҳкам намудани принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муайян намудани шаклҳои самарабахши ифодаи ҳуқуқии онҳо воситаҳое мебошанд, ки бо ёрии онҳо вазифаи такмили минбаъдаи он ҳал карда мешавад. Бо рушди ҷомеаи Тоҷикистон, таъсири ғояи адолат, баробарӣ, инсондӯстӣ ва қонуният ба қабул намудани як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нақши устувор мегузорад.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид воқеан муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ, мубрам ба ҳисоб меравад.

Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид соли 2014 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2019 хатм намудааст.

Аз соли 2020 то соли 2024 ба ба ҳайси мутахассис, мутахассиси пешбар, сармутахассис ва роҳбари КВД “Маркази рушди иқтисодии ҷавонон”-и Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст. Баъдан, ӯ аз соли 2024 то ин ҷониб ба сифати ассистентии кафедари ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон кору фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид аз муқаддима, 3 боб 10 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назарӣ ва амалӣ муайян карда шудааст.

Дар боби якум масъалаҳои “**Мафҳум, моҳият, таърих ва таснифи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ”** мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Қисмати кор, ки аз ду зербоб иборат мебошад, масъалаҳои калидии зерин баррасӣ мегарданд: муайян кардани мафҳум, моҳият ва таърихи рушди илмӣ ва назариявии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таснифи

принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Қонуни ҷинояти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар ин қисмат муаллиф ҷанбаҳои илмиву назиявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Дар боби дуюм масъалаҳои “**Татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар матни қонуни ҷиноятиӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон”** мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҳар як принсип дар алоҳидагӣ мавриди таҳлилу баррасии илмию назариявӣ қарор дода шудааст. Дар доираи ин боб, ки 7 зербобро дар бар мегирад таҳлили муфассали принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар матни қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Қайд карда мешавад, ки аҳаммияти принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ гуногунҷабҳа аст. Ба матни Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун кафолати роҳ надодан ба вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, арзёбӣ мегардад.

Дар боби сеюм бошад масоили **“Таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ”** ба риштаи таҳлил карда шудааст. Татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун идеяҳои бунёдии он, ба таври табиӣ дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба амал меояд, ки боби мазкур иборат аз як зербобро дар бар мегирад. Бинобар ин, татбиқи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба маънои васеъ татбиқи принсипҳои он низ ба ҳисоб меравад. Аҳаммияти принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳангоми амалигардонии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ муҳим аст. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ба сифати меъёри муҳимтарини ин арзёбӣ ва баҳисобгирӣ баромад карда, ҳамин тавр, аз раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ дар маҷмуъ ҷудонашаванда ба ҳисоб меравад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар

мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои
ҳуқуқшиноси, профессори кафедраи
ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо
коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сафарзода А.И.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 905886363

Имзои Сафарзода А.И.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«2» апрели 2025 с.

Суроға: Хиёбони Рудакӣ, 17, ш. Душанбе, 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj